«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ», н.и.педагогӣ,
дотсент______________Сафарзода М.В.
«____» ______ соли 2026

# ХУЛОСАИ
## кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Диссертатсияи Зулфия Ҷиёнзода дар мавзуи «Шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9 – Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ, таълими мусиқӣ, санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ, психологияи оила) дар кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» ба анҷом расидааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Зулфия Ҷиёнзода ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии муассисаи мазкур ба пажуҳиш машғул гардидааст. Айни замон, ба ҳайси муаллими калони кафедраи химия ва методикаи таълими они муассисаи мазкур фаъолият дорад.

Зулфия Ҷиёнзода соли 2008 ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯйи ихтисоси химия ва биология дохил шуда, онро соли 2012 хатм намуд. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда, ба шуъбаи магистратура дохил шуда, соли 2014 зинаи мазкурро бо ихтисоси химия хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия ва роҳбари илмӣ дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 23.02.2022, қарори №7/4-6 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмии Зулфия Ҷиёнзода доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи назария ва таърихи педагогикаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Гулмадов Файз мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ имтиҳони ҳадди ақали номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм (30.12.2024) бо баҳои 4 (хуб) ва имтиҳони ҳадди ақали номзадӣ аз

фанни забони хориҷиро (10.06.2025) бо баҳои 4 (хуб) супоридааст. Ҳамзамон, тибқи фармоиши директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон имтиҳони минимуми номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9 – Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ, таълими мусиқӣ, санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ, психологияи оила) – ро (19.02.2026) бо баҳои 5 (аъло) супоридааст.

Диссертатсияи Зулфия Ҷиёнзода дар мавзуи «Шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9 – Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ, таълими мусиқӣ, санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ, психологияи оила) дар кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 30 январи соли 2026, №6 муҳокима гардидааст. Дар муҳокимаи рисола иштирок доштанд: доктори илмҳои педагогӣ Гулмадов Ф., номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Иброҳимов Г., номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Назаров Ҳ.С., номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Лоиқов П.Ҷ., номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Давлатова Н.Ҳ., номзади илмҳои педагогӣ Абдуллоҷони Ҳ., муаллимони калон Худойдодова О.З., Расулова О.С., Шерзода Р.А., ассистентон Ёқубов Б., Шодоби Т. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ» чунин хулоса қабул карда шуд:

Диссертатсияи Зулфия Ҷиёнзода аз масъалаҳои мубрами замони муосир ба шумор рафта, мавзуъ аз ҷониби муаллиф бо фарогирии сарчашмаҳо ва таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертатсия бо услуби илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти мустақилона анҷомдодаи унвонҷӯ ба ҳисоб меравад. Дар он мақсад ва вазифаҳои илмӣ пурра иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳои муаллиф асоснок карда шудаанд.

**Мубрамии мавзуъ.** Вобаста ба он ки таълим ва тарбияи насли наврас масъалаи муҳиммест, ки ба рушди ҷомеа, иқтисод, сиёсат ва фарҳанг таъсир мерасонад ва ҷавонони эҷодкор бошанд, тақдири ояндаро муайян мекунанд. Дигаргуниҳои иҷтимоию фарҳангӣ муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро водор месозанд, ки роҳҳои инноватсиониро дар соҳаи маориф ҷустуҷӯ намоянд ва ба рушди

шахсият, муваффақият дар касб ва беҳтар шудани сифати зиндагии ҷавонон таваҷҷуҳ зоҳир кунанд.

Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаҳои марбут ба рушди фарҳанги инноватсионии донишҷӯён ва муносибати онҳо бо ҷараёни таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад. Таълим бояд ба таври фаъол усулҳои инноватсиониро истифода барад, ки донишҷӯёнро ба иштироки фаъолона дар раванди омӯзиш ва таҳияи лоиҳаҳои мустақил ҳавасманд созад.

Бо назардошти аҳаммияти масъала, дар робита ба ин, таҳия ва татбиқи барномаҳои махсусе, ки ба рушди фарҳанги инноватсионӣ ва қобилиятҳои байнишахсии донишҷӯён нигаронида шудаанд, муҳим аст. Чунин барномаҳо метавонанд дар шакли курсҳои иловагӣ, семинарҳо, тренингҳо ва лоиҳаҳои гурӯҳӣ амалӣ карда шаванд. Дар ин раванд, омӯзгорон бояд ҳамчун роҳнамоён ва ҳавасмандкунандагони донишҷӯён амал намуда, ба онҳо дар ёфтани роҳи худ дар ҳаёт, таҳияи стратегияи муваффақият дар касб ва мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбандаи ҷомеа кумак расонанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқи** омӯзиши ҳамаҷонибаи **мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ** мебошад.

Вобаста ба мақсади мазкур дар диссертатсия ҳалли **вазифаҳои навбатӣ** гузошта шудаанд:

- асоснок намудани ҷанбаҳои илмии анъана навовариҳо оид ба фарҳанги инноватсияҳо дар муассисаи таҳсилоти олии касбии муосир;
- тавсифи шароитҳои педагогии технологияҳои инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун падидаи хусусиятҳои хоси анъана ва инноватсияҳо дар шароити кунунӣ;
- ошкор сохтани ҷанбаҳои назариявӣ-илмии шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ;
- омода намудани барномаи идоракунии педагогии фаъолияти донишҷӯён яке аз роҳҳои мубрамсозии фарҳанги инноватсионӣ;
- муайян намудани моҳияти раванди ташаккули рафтори боварибахши донишҷӯён ҳамчун масъалаи умумипедагогӣ ва шарти муваффақиятнокии идоракунии фаъолияти гурӯҳи донишҷӯён дар раванди таҳсилотӣ;
- баррасии вазъи педагогии муайян кардани ҳадафҳо, мундариҷа ва корбурди усулҳои нави таълим, амалҳои санҷишӣ-арзёбӣ аз рӯйи меъёрҳои танзими фаъолияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ дар муҳити таълимии донишгоҳи олӣ;

- тархрезии амсилаи ташаккули шахсияти донишҷӯён ҳамчун намояндагони фарҳанги нав дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ.

**Навгонии илмии таҳқиқи диссертатсионии унвонҷӯ** аз инҳо иборат мебошад:

1. Модели мушаххасгардонии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ дар асоси таҳлили омилҳои беруна ва дохилӣ таҳия гардида, амали муштараки омилҳоеро инъикос менамояд, ки раванди таълимиро мукаммал месозанд.
2. Дастгоҳи илмии таҳқиқот дақиқ карда шуда, таърифҳои муаллифии мафҳумҳои калидӣ дар заминаи дигаргуниҳо ва пешравиҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дода шуданд: «диалектикаи анъанаҳо ва инноватсияҳо дар фарҳанг ва маориф», «фарҳанги инноватсионӣ», «принсипи фарҳангмувофиқии тарбия», «шахсияти донишҷӯён» ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ «Тамоюли худмубрамсозӣ», «Фарҳанги инноватсионии педагогӣ», «Нерӯи педагогии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ», «Мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ», «Барномаи идоракунии педагогии донишҷӯён», «механизми идоракунии педагогӣ» ва ғайра ба шакл дароварда шуд.
3. Хислатҳои шахсиятии донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ ошкор ва муайян карда шуданд: ҳассосияти фарҳангӣ, кушода будан ба иннватсияҳо, эҷодкорӣ, боварибахшӣ, таҳаммулпазир будан, худмубрамсозӣ, масъулият, ки ба таври мақсаднок дар амалигардонии ҷузъҳои арзишӣ-маъноӣ ва технологии таҳсилоти олии касбӣ рушд меёбанд;
4. Консепсияи идоракунии педагогии фаъолияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони инноватсия дар асоси назарияи мубрамсозии шахсият таҳия шудааст. Ғояҳои асосӣ бо омилҳое муайян шуданд, ки рушди шахсиятро муайян карда, мазмуни онҳоро асосҳои методологӣ, назариявӣ ва амалии идоракунӣ ташкил медиҳанд.
5. Амсилаи сохтории мубрамсозии шахсияти донишҷӯён аз мавқеъҳои рушди шахсӣ ва касбӣ дар қисматҳои мақсаднок, меъёрӣ, методологӣ, мазмунӣ, технологӣ ва назоратӣ таҳия карда шуд.
6. Меъёри баҳогузории донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ, ки барои муайян кардани дараҷаи омодагии онҳо ба қабул ва эҷоди навовариҳо пешбинӣ шуда, аз се сатҳ паст, миёна ва баланд иборат аст, коркард карда шудааст. Ин меъёрҳо имкон медиҳанд, ки дараҷаи рушди салоҳияти инноватсионии донишҷӯён ба таври объективӣ баҳогузорӣ гардад ва барои такмили раванди

таълим ва омодасозии онҳо ба фаъолияти инноватсионӣ тавсияҳои мушаххас пешниҳод карда шаванд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқи диссертатсионӣ** дар он аст, ки натиҷаҳои пажуҳишро дар амалияи кори омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дар низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои педагогӣ ва роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; таҳияи барномаҳои асосии касбии таҳсилотӣ ва барномаҳои корӣ дар соҳаи маориф мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Истифодаи амсилаҳои пешниҳодшуда зимни мутобиқ кардани онҳо ба шароити ҳар гуна муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои мубрамсозии бомуваффақияти хислатҳои шахсии донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ самаранок мебошад. Тавсияҳои зерин таҳия карда шуданд: оид ба идоракунии неруи педагогии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати мубрамсозии бомуваффақияти хислатҳои шахсиятии донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ; оид ба низоми такмили ихтисоси ҳайати профессорӣ-омӯзгорӣ: оид ба таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионии педагогӣ дар раванди таҳсилотӣ; оид ба тартиб додани маҷмуи воситаҳои ҳавасмандгардонӣ барои омӯзгорон ва донишҷӯён. Тавсияҳо оид ба таҳқиқ ва такмили фарҳанги муштараки муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таҳия карда шуданд, ки аз ҷониби ҳамаи субъектҳои раванди таҳсилотӣ азхуд карда мешаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки номбурда масъалаи таҳқиқи диссертасиониро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ карда, пажуҳиши назариявӣ ва озмоиширо дуруст ба роҳ мондааст, маводи таҳқиқиро таҳлили миқдорӣ ва сифатӣ карда, маҷмуи роҳу усулҳоро вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мавриди истифода қарор додааст, дар заминаи таҳқиқи озмоишӣ муқаррароти кори илмиро аз ҷиҳати амалӣ аз тариқи баргузории корҳои озмоишӣ тасвибу тасдиқ кардааст, натиҷаҳои озмоиш ва коркардҳои бадастомадаро таҳлилу арзёбӣ кардааст, оид ба мавзуи диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқ мақолаҳои илмӣ таҳия ва нашр карда, дар чорабиниҳои илмӣ иштирок ва маърузаҳо кардааст, натиҷаҳои бадастомадаро ҷамъбаст карда, дар заминаи онҳо пешниҳоду тавсияҳои методӣ коркард ва манзур кардааст.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия бо интихоби ихтисос.** Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии (5.3.9 – Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ, таълими мусиқӣ, санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ, психологияи оила) нишон дода шудаанд, комилан мувофиқат менамояд.

Пуррагии маълумоти диссертатсия дар маводҳои нашршуда таҷассум ёфтааст. Қисмҳои алоҳидаи кори таҳқиқӣ дар маърузаҳои илмии довталаб дар конференсияҳои илмӣ–назариявӣ баён шуда, ҳамчунин дар мақолаҳои илмии диссертант солҳои 2019–2025 аз чоп баромаданд, инъикос ёфтаанд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм дар ҷумҳурӣ.** Мавзуи диссертатсия ба самти афзалиятноки илми педагогикаи ватанӣ паҳлуҳои мухталифи тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ, мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ робитаи бевосита дошта, ба амалисозии талаботи Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030 ва Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии насли наврас нигаронида шудааст.

**Мавҷудияти санади татбиқи натиҷаҳои илмӣ ё имконияти татбиқи онҳо.** Натиҷаҳои илмии таҳқиқи диссертатсионӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодкардаи довталаб дар раванди таълим ва корҳои берун аз аудиторӣ тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ тасвибу тасдиқ шудаанд. Санадҳои татбиқи натиҷаҳои илмии пажуҳиши дар боло зикршуда мавҷуд буда, самаранокии мубрамсозии шахсияти донишҷӯёнро дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён собит карда шудааст.

**Натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои таҳқиқ дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии «Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» баррасӣ шуда, дар конфронсҳои ҳамасолаи илмӣ-методӣ ва ҷумҳуриявӣ оид ба масъалаҳои мубрамсозии шахсияти донишҷӯён дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён ироа ва тасвиб шудаанд. Диссертатсияи Зулфия Ҷиёнзода сохтори муназзам, пайдарҳам ва мантиқӣ дошта, бо навгониҳо ва хулосаҳои илмӣ мувофиқат мекунад. Диссертатсия кори мустақилона анҷомдодаи муаллиф ҳисобида мешавад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад.

Диссертатсия дар мавзуи «**Шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ**» аз муқаддима, 3 боб, 8 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷалаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст.

Мундаричаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳо тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1 – М] **Гулмадов Ф., Ҷиёнзода З.** Масъалаҳои назариявии инкишофи анъана ва навоварӣ дар соҳаи фарҳанг ва маориф [Матн] / Ф. Гулмадов, З.Ҷиёнзода // Паёми пажӯҳишгоҳи рушди маориф.- Душанбе, 2020.- №4. - С.20-26. ISSN – 2617 – 5620.

[2 – М] **Ҷиёнзода З.** Мубрамсозии шахсияти донишҷӯён бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ дар фазои фарҳанг ва маориф [Матн] / З.Ҷиёнзода // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.- Душанбе, 2020.- №4.- С. 121-128. ISSN – 2222 – 9809.

[3 – М] **Джиёнзода З.** Основные теоретические и методологические аспекты воспитания студентов в высшей школе Таджикистана [Текст] / З. **Джиёнзода З.** // Международный научный журнал. 2020.- №11. С.49-58. ISSN – 2587 – 618X.

[4 – М] **Ҷиёнзода З.** Технологияҳои инноватсионӣ ҳамчун пададаи фарҳанг ва маориф [Матн] / З.Ҷиёнзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.- Кӯлоб, 2023.- №1. С. 155-161. ISSN – 2616 – 5260.

[5 – М] **Ҷиёнзода З.** Диалектикаи анъана ва инноватсияҳо дар фарҳанг ва маориф [Матн] / З.Ҷиёнзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.- Кӯлоб, 2023.- №2. С. 248-255. ISSN – 2616 – 5260.

[6 – М] **Ҷиёнзода З.** Масъалаи таҳқиқи шахсияти донишҷӯёни муосир ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ [Матн] / З.Ҷиёнзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.- Душанбе, 2025.- №3-1 (40). С. 165-170. ISSN – 2616 – 5260.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

[7 – М] **Ҷиёнзода З.** Моҳият ва мазмуни технологияҳои инноватсионӣ дар МТОК [Матн] / З.Ҷиёнзода // Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи чумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Навгониҳо дар таҳсилоти олии касбии муосир» бахшида ба 30 – солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Кӯлоб, 2021.- С. 303-307.

[8 – М] **Ҷиёнзода З.** Сифатҳои шахсии донишҷӯёни МТОК ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ [Матн] / З.Ҷиёнзода // Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии донишгоҳӣ миёни магистрантон ва докторантони PhD таҳти унвони «Эмомалӣ Раҳмон – Пешво ва ҳомии

тоҷикони ҷаҳон» // Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Кӯлоб, 2021.- С. 56-60.
[9 – М] **Зулфия Ҷ.** Таҳқиқи мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ [Матн] / З.Ҷиёнзода // Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Омӯзиш ва татбиқи афкори педагогии ниёгон дар таҳсилоти муосир» ба ифтихори 70-солагии академик Қодиров Қ.Б. // Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Душанбе, 2021.– С. 119 – 128.
[10 – М] **Зулфия Ҷ.** Эмомалӣ Раҳмон бунёдгузори фарҳанги сулҳ дар Тоҷикистон [Матн] / З.Ҷиёнзода // Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бо номи «Нақши иҷлосияи XVI -уми Шурои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар эъмори давлатдории миллӣ» // Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Кӯлоб, 2022.- С. 66-68.

Ҳамин тавр, мазмуну мундариҷаи таҳқиқ, маводи дар диссертатсия истифодашуда, ҷанбаҳои назариявию методологии диссертатсия ба ихтисоси (5.3.9 – Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ, таълими мусиқӣ, санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ, психологияи оила) пурра мувофиқат менамояд. Диссертатсия аз рӯи натиҷаи назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсия дар мавзуи «Шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9 – Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ, таълими мусиқӣ, санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ, психологияи оила) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шуда, он ба талаботи муқарраргардидаи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаҳои илмӣ комилан ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Зулфия Ҷиёнзода дар мавзуи «Шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9 – Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ, таълими мусиқӣ, санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ, психологияи оила) ба ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА–30–и назди Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба

номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса, дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ санаи 30.01.2026, №6 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" 15 нафар, "зид" – нест, "бетараф" – нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент Назаров Ҳотам Сарфарозович

**Котиби ҷаласа:**
муаллими калони кафедраи
педагогикаи умумидонишгоҳӣ Расулова Нодира Сайдаламовна

**Суроға:** 35360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16,
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ;
тел.: (833–22) 2–35–06; факс: (833–22) 2–35–06;
почтаи электронӣ: info@kgu.tj, сомонаи интернетӣ: www.kgu.tj

«Имзоҳои Ҳ.С. Назаров ва Н.С. Расуловаро тасдиқ менамоям».

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатов М.А.

«30» январи соли 2026.